ПРОТОКОЛИ № 20

ҷаласаи Шурои диссертатсионии **6D.KOA-039**

аз «03» апрели соли 2026

Дар ҷаласа иштирок доштанд:
аз 11 нафар аъзои шуро 10 нафар

Раиси Шуро: Амирбеков М.

Дар ҷаласаи имрӯза аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2023, №135/шд, тасдиқ шудааст, 10 нафар иштирок доштанд.

Оид ба кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чӣ пешниҳодҳо доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба экспертизаи аввалия қабул намудани диссертатсияи Исвалиев Сино Мирзоназарович дар мавзӯи: «Таъсири Bacillus subtilis ба зоҳиршавии аксуламали ғайрихоси аллергии туберкулинӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯи ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ, (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо захрзанбурӯғшиносӣ, масуниятшиносӣ).

Баромад намуданд: раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои ветеринарӣ Амирбегов М., котиби илмии шуро, номзади илмҳои ветеринарӣ Ҳасанов Ф.Д. ва аъзои шурои диссертатсионӣ доктори илмҳои биологӣ Турдиев Ш.А., доктори илмҳои ветеринарӣ Сахимов М.Р., ва номзади илмҳои ветеринарӣ Атовуллозода Р.А.

ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Исвалиев Сино Мирзоназарович дар мавзӯи «Таъсири Bacillus subtilis ба зоҳиршавии аксуламали ғайрихоси аллергии туберкулинӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯи ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ, (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо захрзанбурӯғшиносӣ, масуниятшиносӣ) ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар хайати зерин тасдиқ карда шавад:

- номзади илмҳои ветеринарӣ Раҷабов Ҳ.И.
- номзади илмҳои ветеринарӣ Сатторов С.Ф.
- номзади илмҳои ветеринарӣ Андамов И.Ш.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 10 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест. **Якдилона қонибдорӣ гардид.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ветеринарӣ Амирбеков М.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои ветеринарӣ Ҳасанов Ф.Д.